# Тафсироти КТС 29
# *“Созишномаи консессионӣ дар бораи пешниҳоди хизматрасонӣ: Ифшоҳо”*

## Истинодҳо

- СБҲМ 16 *“Иҷора”*,
- СББМ 1 *“Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ”* (соли 2007 бозбинӣ шудааст),
- СББМ 16 *“Воситаҳои асосӣ”* (соли 2003 бозбинӣ шудааст),
- СББМ 37 *“Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ”*;
- СББМ 38 *“Дороиҳои ғайримоддӣ”* (соли 2004 бозбинӣ шудааст);
- Тафсироти КТҲМБ 12 *“Созишномаи консессионӣ дар бораи хизматрасонӣ”*

## Мавзуъ

1. Корхона (оператор) метавонад бо дигар корхона (ваколатдиҳанда) созишномаи хизматрасонӣ ба имзо расонад, ки дастрасии ҷамъиятӣ ба объектҳои инфрасохтори иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд. Ба сифати ваколатдиҳанда метавонад корхонаи бахши давлатӣ ё хусусӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ баромад намояд. Намунаҳои созишномаи консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо созишномаҳо вобаста ба объектҳои обтозакунӣ ва таъминкунандаи об, роҳҳои мошингард, таваққуфгоҳҳои мошинҳо, пулҳо, фурудгоҳҳо ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Намунаҳои созишномаҳое, ки созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳо маҳсуб намеёбанд, созишномаҳое мебошанд, ки тибқи онҳо корхона барои амалигардонии равандҳои дохилии худро (масалан, ошхона барои кормандон, хизматрасонии бино, вазифаҳои муҳосибот ва ё шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ) ба уҳдаи аутсорсинги таҳвилгари беруна вогузор менамояд.

2. Созишномаи консессионӣ дар бораи хизматрасонӣ одатан аз тарафи ваколатдиҳанда ба уҳдаи оператор, дар муҳлати амали созишномаи консессионӣ, вогузор намудани:

    (а) ҳуқуқ ба хизматрасониҳое ки дастрасии ҷамъиятӣ ба объектҳои асосии инфрасохтори иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамоянд:

    (б) дар баъзе ҳолатҳо ҳуқуқ ба истифодаи дороиҳои муайяни моддӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва ё дороиҳои молиявӣ;

    Ба ивази он, ки оператор:

    (в) уҳдадор мешавад хизматрасониро тибқи шартҳои муқарраршуда ва талабот дар давоми давраи консессионӣ пешниҳод намояд;

    (г) агар қобили қабул бошад, уҳдадор мешавад, ки ҳуқуқҳои дар оғози давраи консессионӣ ва ё дар давоми давраи консессионӣ ба даст овардаашро дар анҷоми давраи консессионӣ баргардонад.

3. Тавсифи умумии ҳамаи созишномаҳои консессионӣ барои пешниҳод намудани хизматрасонӣ он аст, ки оператор ҳамзамон ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадориҳои пешниҳод намудани хизматрасонии ҷамъиятиро ба даст меорад.

4. Мавзуъ он аст, ки кадом маълумот бояд дар тавзеҳоти ҳисоботи молиявии корхона ва грантдиҳанда бояд ифшо гардад.

5. Ҷанбаҳои муайян ва талабот оид ба ифшо намудани маълумоти мансуб ба баъзе созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониро аллакай Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявии мавҷуда (масалан, СББМ 16 нисбат ба хариди объекти воситаи асосӣ, СБҲМ 17 нисбат ба иҷораи дороиҳо, СББМ 38 нисбат ба хариди дороии ғайримоддӣ татбиқ мегарданд) дар бар мегиранд. Аммо, созишномаи консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасонӣ метавонад шартномаҳо барои иҷро, ки Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ баррасӣ наменамоянд, дар бар гирад, ба истисноӣ ҳолатҳои душвор будани шартномаҳое, ки нисбат ба онҳо СББМ 37 татбиқ мегардад. Аз ин лиҳоз, тафсироти мазкур талабот дар бораи ифшои иловагии маълумоти созишномаҳои консессионӣ барои пешниҳод намудани хизматрасониро дар бар мегирад.

## Тавофуқ (консенсус)

6 Ҳангоми муқаррар намудани ифшои дахлдор дар тавзеҳоти ҳисоботи молиявӣ бояд ҳамаи ҷанбаҳои созишномаи консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасонӣ баррасӣ карда шаванд. Оператор ва ваколатдиҳанда бояд барои ҳар як давра маълумоти зеринро ифшо намоянд:

(а) тавсифи созишнома;

(б) шартҳои муҳими созишнома, ки метавонанд ба бузургӣ, муҳлати пайдоиш ва муайянии маҷмуи пулии минбаъда таъсир расонанд (масалан, давраи консессионӣ, санаи аз нав дида баромадани нархҳо ва принсипҳои асосӣ, ки дар заминаи онҳо нарх ва шартҳои созишнома аз нав дида баромада мешаванд);

(в) хусусият ва чаҳорчӯбаҳо (масалан, миқдор, муддати давра ё маблағ):

(i) ҳуқуқ барои истифодаи дороиҳои дахлдор;

(ii) уҳдадориҳои пешниҳод намудани хизматрасонӣ ё ҳуқуқ, ки барои интизории пешниҳод намудани онҳо имконият фароҳам меоварад;

(iii) уҳдадориҳо нисбат ба харид ё сохтмони объекти воситаи асосӣ;

(iv) уҳдадориҳои марбут ба интиқол ё ҳуқуқи гирифтан дороиҳои дахлдор дар охири давраи консессионӣ;

(v) имконияти тамдид намудан ё пеш аз муҳлат қатъ намудани созишномаи консессионӣ;

(vi) ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои дигар (масалан, оид ба таъмири асосии объекти инфрасохтор);

(г) ворид намудани тағйирот ба созишнома, ки дар муддати давраи ҳисоботӣ ба вуҷуд омадааст;

(ғ) дар он хусус, ки созишнома дар бораи хизматрасонӣ чӣ тавр гурӯҳбандӣ гардидааст.

6А Оператор бояд маблағи даромад аз фурӯш, инчунин фоида ё зарари дар давраи ҳисоботӣ эътирофшудаaro нисбати ивази хизматрасонии сохтмон ба дороиҳои молиявӣ ё дороиҳои ғайримоддӣ ифшо намояд.

7 Маълумоте, ки тибқи банди 6 тафсироти мазкур бояд ифшо гардад, бояд алоҳида барои ҳар як созишномаи консессионӣ дар бораи хизматрасонӣ ё дар шакли маҷмуӣ барои ҳар як гурӯҳи созишномаҳои консессионӣ дар бораи хизматрасонӣ пешниҳод карда шавад. Гурӯҳ ҳамон маҷмуи созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳод намудани хизматрасониҳое ба ҳисоб меравад, ки дар онҳо хизматрасониҳо аз рӯйи хусусияти худ монанд мебошанд (масалан, ҷамъоварии маблағ аз истифодаи роҳ (роҳи пулакӣ), хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва хизматрасониҳои марбут ба тоза намудани об)).

## Санаи тавофуқ

Майи соли 2001

## Санаи эътибор пайдо намудан

Тафсироти мазкур аз 31 декабри соли 2001 мавриди эътибор қарор дода мешавад.

Корхона бояд ислоҳоти дар бандҳои 6(ғ) ва 6А овардашударо нисбат ба давраи аз 1 январи соли 2008 оғозшаванда ё пас аз ин сана татбиқ намояд. Агар корхона Тафсироти КТҲМБ 12-ро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас ислоҳоти мазкур бояд нисбат ба ҳамон давра татбиқ гардад.

Ба СБҲМ 16 «Иҷора», ки моҳи январи соли 2016 нашр гардидааст дар банди 5 ислоҳот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин ислоҳотро дар баробари татбиқи СБҲМ 16 «Иҷора» мавриди татбиқ қарор диҳад.


© Фонди СБҲМ